**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ таҳти унвони «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)**

Таҳқиқи истилоҳот яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Истилоҳоти ҳар як забон, новобаста аз аз оне, ки кадом забон аст, қисми ағлаби онҳо таърихи пешина доранд ва дар худ мадракҳои зиёди илмиро нигоҳ доштаанд, ки баррасӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо барои ҳаллу фасли минбаъдаи мавзуъҳои ҳалталаби бахши луғатшиносӣ, калимабандию калимасозииии, соҳаи этимология ва амсоли инҳо аҳаммияти калони илмӣ ва амалиро соҳиб мебошанд.

Истилоҳнигориву вожасозӣ яке аз воситаҳои асосии ғанӣ гардонидани таркиби луғавии ҳар як забон ба шумор меравад. Роҷеъ ба таснифу гурӯҳбандии усулҳои вожасозиву истилоҳнигорӣ назару андешаҳои забоншиносон гуногун аст.

Рӯй овардан ба таҳқиқи истилоҳот, махсусан, дар истилоҳоти соҳавӣ, аҳамияти калони илмӣ дошта, имкон фароҳам меорад, ки ба як қисми илми забоншиносӣ, ки барои ғанӣ гардонидани бахши вожагонӣ мусоидат менамояд, мусбат арзёбӣ шавад.

Бояд махсус зикр кард, ки таҳқиқи истилоҳот чун як паҳлуи хоси луғатшиносӣ, на танҳо аҳаммияти назарӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад.

Солҳои охир муҳаққиқону забоншиносон ба омӯзиши истилоҳот таваҷҷуҳ бештар намуда, ба андешаи забоншиносон ин соҳаи илми забоншиносӣ монанди дигар масъалаҳои забоншиносӣ, дар марҳалаи рушд ва ташаккули илми забоншиносӣ мусоидат менамояд.

Истилоҳоти ҳунармандӣ воқеан таърихи қадиму ғанӣ дорад ва аз умқи асрҳои пешин ибтидо мегирад. Бузургтарин донишмандони миллии мо - Абурайҳони Берунӣ бо таълифи «Китоб-ут-тафҳим» (соли таълифаш 1029) ва Абуалӣ ибни Сино бо «Донишнома» (таълифаш байни солҳои 1023-1037) бунёдгузори истилоҳоти илмии тоҷикӣ шинохта шудаанд. Ташаккулу такомули минбаъдаи истилоҳоти илмии тоҷикӣ дар асрҳои баъдӣ дар осори Носири Хусрав, Умари Хайём, Насириддини Тӯсӣ, Исмоили Ҷурҷонӣ ва ғ. идома пайдо кардааст.

Бо дарназардошти чунин масъала кори таҳқиқии Анварзода Мавҷуда Анварӣ таҳти унвони “Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ” дар забоншиносии муосир мавзуи муҳим ва саривақтӣ ба шумор рафта, барои дақиқу равшан намудани паҳлуҳои то ҳол норавшани ин бахши истилоҳот мусоидат менамояд.

Аз муҳтавои автореферат маълум мешавад, ки диссертатсия аз

муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст.

Боби якум «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ» ном дошта, аз 4 фаслу 5 зерфасл иборат аст. Фасли якум «Матолиби муқаддимавӣ» номгузорӣ шуда, аз масоили гуногунҷабҳа будани ҳунарҳои мардумии халқи тоҷик, соҳаҳои гуногуни ҳаётиро фаро гирифтани он ва барои ифодаи нозуктарин масоили ифодаи мафҳумҳои ҳар соҳа калимаҳои зиёде ба вуҷуд омада, дар тули таърих сайқал ёфтани онҳо баҳс карда, зикр мегардад, ки касбу ҳунари мардуми тоҷик дар осори беш аз ҳазорсолаи миллати тоҷик тавассути назму наср ва луғатномаҳо инъикос шуда, барои муаррифии хатти таърихии таҳаввул ва инкишофи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Боби дуюм «Сохтори вожаҳою истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ном дошта, аз чор фасл ва 23 зерфасл иборат аст. Фасли аввал «Матолиби муқаддамотӣ» ном дорад. Бояд хотирнишон кард, ки «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар самти истифодаи вожаҳо ва истилоҳоти ҳунармандӣ муаррификунандаи хазинаи бузурги маънавии миллати мо ба шумор меравад. Вожаҳо ва истилоҳоти ифодакунандаи ҳунарҳои мардумӣ соҳаҳои гуногуни пешаварии асари мазкурро ифода карда, бо роҳу воситаҳои гуногуни калимасозии забонамон ба вуҷуд омадаанд, яъне дар ташаккули калимаҳои ин соҳа омили лингвистии рушди забон муассир мебошад.

Диссертант тавонистааст, ки тамоми истилоҳоти гирдовардаи хешро аз нигоҳи сохторӣ тасниф намуда, ҳар кадоме аз онҳоро аз нуктаи назари оморӣ дақиқу равшан намудааст.

Дар автореферат баъзе иштибоҳоту норасоиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки баёни онҳо барои такмили минбаъдаи пажӯҳиши диссертант ба манфиат мебошад:

1. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ва баъзан услубӣ дар ҷумлаҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор мебошад, саҳ 7, 20, 25 ва ғ.
2. Дар рӯйхати адабиёт оид ба корҳои анҷомдодаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, аммо дар матни автореферат кам ба назар мерасанд.
3. Мисолҳои овардашуда дар автореферати диссертатсия зиёд буда, барои таҳлили ҳар як ном як ҷумла аз асари таҳқиқшаванда басандагӣ мекунад.

Камбудиву нуқсонҳои зикршуда арзиши илмии таҳқиқотро коста намекунад ва ислоҳи онҳо саривақтӣ мебошанд.

Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршудаи унвонҷӯ мазмун ва муҳтавои корро комилан инъикос менамоянд.

Мавзуи таҳқиқшаванда ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои пажуҳишие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ), комилан, мувофиқат мекунад.

Бинобар ин, диссертатсияи номзадии Анварзода Мавҷуда Анварӣ дар мавзуи «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31 – 35 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Саидзода М. Б.

Нишонӣ:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров - 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: +992985297373
mail. Saidzod-90@mail.ru
« 15 » апрели 2025

«Имзои дотсент Саидзода М.Б.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори РК ва КМ ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф. А.

Нишонӣ:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров – 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj
« 15 » апрели 2025